**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

ТДУ-371(575.3)
ТКБ-74.03(Тоҷ)
Қ-93

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ҚУРБОНЗОДА НИГИНА ҚУРБОН**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ТАЪЛИМИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР НИЗОМИ ТАЛАБОТИ ИЛМИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05- Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ)

**ХУҶАНД – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Шаропов Шавкат Аҳмадович –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**Муқарризони расмӣ:** **Файзализода Баҳрулло -**доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти кибери Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Туев Шоҳин Шоевич –**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»**

Ҳимоя санаи «11» октябри соли 2025 соати 13:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-078-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он тавассути сомонаи расмии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (www.hgu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» ________ соли 2025 тавзеъ карда шуд.

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои психологӣ, дотсент** **Зайтметов Ҳ.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дигаргуниҳое, ки дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рушди воситаҳои компютерӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсияҳо рӯй доданд, имкон дод, ки муҳити сифатан нави иттилоотию таҳсилотӣ чун асоси рушду такмили низоми маориф бунёд карда шавад.

Ба масъалаи таҳсилот таваҷҷуҳи махсус дода, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар қайд карданд: «Низоми маориф яке аз низомҳои муҳимтарини замони мост. То он замоне, ки мо ба ислоҳоти мушаххаси сохтори таҳсилот шурӯъ накунем, ба сатҳи зарурии рушди фарҳангу маориф ноил гардида наметавонем». Дар идома ҳамчунин таъкид карданд, ки «меҳвари асосӣ дар фарҳангу маориф дониш мебошад. Танҳо инсони огоҳ ба иштироки фаъолона дар дигаргуниҳои кишвари худ, офаридани боигарии нави моддиву маънавӣ қодир аст ва танҳо ӯ метавонад роҳи ҳаёташро муайян карда, онро дар ҷомеа амалӣ намояд».

Имрӯз ҷомеа на танҳо мутахассисони сатҳи ихтисосашон баланд, бомаърифат, бофарҳанг, балки одамонеро дархост менамояд, ки масъулияти баланд, ташаббус нишон медиҳанд, барои ифодаи нуқтаи назари худ, асоснок кардани он, дарёфтани ҳалли беҳтарини муаммоҳои гуногун қобиланд, соҳиби малакаҳои муошırати таҳаммулпазирона мебошанд. Ҳамчунин рушди босуръати технологияҳо пеши таҳсилот вазифаҳои наверо мегузорад, ки бознигарии мундариҷаи таҳсилот, шаклу методҳо, воситаҳои таълимро тақозо мекунанд.

Ислоҳоти низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ҷорӣ кардани технологияҳои нав ҳам дар соҳаи таъминоти иттилоотӣ-компютерӣ, ҳам технологияҳои нави педагогӣ, ворид кардани фанҳои нави таълимӣ алоқамандaнд, ба тағйироти низоми омодагии омӯзгорони оянда водор мекунанд. Ба раванди таълим воситаҳову методҳои интерактивии таълим фаъолона ворид карда мешаванд.

Ҷорӣ кардани воситаву методҳои интерактивии таълим яке аз самтҳои муҳимтарини такмили омодагии омӯзгорони оянда дар муассисаи таҳсилоти олии муосир мебошад. Инноватсияҳои асосии таълимию методӣ имрӯз бо истифодаи маҳз воситаву методҳои интерактивии таълим алоқаманданд.

Таҳлили вазъи имрӯзаи коркарди назариявии муаммои истифодаи воситаву методҳои интерактивии таълим ва амалияи истифодаи онҳо аз ҷониби омӯзгорон нишон медиҳад, ки бо вуҷуди тағйироти солҳои охир амалишаванда дар мундариҷа, ташкил ва методикаи истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълим, омӯзгорон асосан онҳоро нокифоя корбаст менамоянд.

Омили муҳиме, ки мубрамии муаммои баррасишавандаро таъйин мекунад, зарурати таҳлили илмии тамоюлҳои таҳсилоти муосир аст, ки бо истифодаи воситаҳои интерактивии таълим алоқаманданд. Таҳлили муфассали дарки равандҳои имрӯза дар ин самт зарурати дидгоҳи ретроспективиро ба миён меорад. Гузариши низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ ба марҳалаи нави такмили раванди таҳсилот ҷустуҷӯи амсилаҳои нави фаъолияти педагогиро тақозо мекунад, ки сатҳи сифатан нави тарбия ва таълими насли ҷавонро дар шароити технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (коммуникативӣ) таъмин карда метавонанд.

**Дараҷаи коркарди мавзуи таҳқиқот**. Омӯзиш ва таҳлили таҳқиқоти илми педагогикаи муосир нишон медиҳад, ки барои ҳалли вазифаи ташаккули омодагии омӯзгориояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим заминаҳои назариявии муайяне шакл гирифтаанд: таҳқиқоти маҷмуӣ дар соҳаи назария ва методикаи иттилоотӣ гардонидани таҳсилот (Я.А. Ваграменко[1], В.В. Гриншкун[2], О.Ю. Заславская[3], А.А. Кузнетсов[4], М.П. Лапчик[5], Е.С. Полат[6], И.В. Роберт[7], Ф.Ф. Шарипов[8], А.Р. Мирзоев[9], К.Тухлиев[10] ва диг.); назария ва амалияи таълими интерактивӣ (Ю.Ю. Гавронская[11], М.С. Помелова[12], Г.К. Селевко[13], О.Г. Смолянинова[14], С.Б. Ступина[15] ва диг.) гузаронида шудаанд, ки дар онҳо асосҳои консептуалии таъсироти мутақобили педагогӣ дар раванди муосири таҳсилот баррасӣ гардидаанд; таҳқиқоти сершумор дар соҳаи истифодаи захираҳои электронии таълим, воситаҳои интерактивии техникӣ дар раванди

таҳсилот анҷом ёфтаанд (Р.М. Абдулов[16], Л.Н. Бобровская[17], В.В. Гузеев[18], В.В. Довган[19], Т.И. Долгая[20], А.А. Журин[21], В.М. Монахов[22], А.В. Осин[23], Т.К. Смиковская[24], Н.Г. Суворова[25] ва диг.).

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи назария ва методикаи иттилоотӣ гардонидани таҳсилот Ф.Ф. Шарипов[8], А.Р. Мирзоев[9], К. Тухлиев[10] ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд. Ф.Ф.Шарипов[8] барои фароҳам овардани шароити гузариш ба технологияҳои нави иттилоотӣ зарурати коркарди самтҳои нави фаъолиятро қайд карда, такмили омодагии пойгоҳии донишҷӯёни мактаби олиро аз рӯйи технологияҳои иттилоотии муосир, бозомӯзии омӯзгоронро дар соҳаи технологияҳои муосир ва иттилоотӣ гардонидани раванди таълиму тарбияро тавсия додааст.

Ба қатори чунин сарчашмаҳо таълифоти муаллифони дигар, аз ҷумла, таҳқиқоти А.Р.Мирзоевро[9] мансуб бояд донист, ки ба ҷанбаҳои дидактикии татбиқи технологияҳои иттилоотии таълим дар мактаби одӣ ва тамоюлҳои истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди таҳсилот бахшида шудаанд.

Дар баробари заминаҳои назариявӣ ҳамчунин заминаҳои амалии ҳалли ин вазифа шакл гирифтаанд: амалисозии барномаҳои иттилоотӣ гардонидани таҳсилот («Стратегия миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030»), ба муҷаҳҳаз гардонидани мактабҳо бо техникаи компютерӣ ва интерактивӣ бо таъминоти дахлдори барномавӣ равона шудаанд: ҷорӣ намудани стандартҳои нави давлатии таҳсилот, ки дидгоҳи фаъолиятиро дар таълим ҳамчун асоси ташаккули амалҳои таълимии хонандагон, натиҷаҳои фарофаннии таълим муайян кардаанд.

Дар баробари ин қайд бояд кард, ки дар соҳаи назария ва методикаи таълим чунин ҷанбаҳои ташаккули омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи ВИТ (воситаҳои интерактивии таълим), мисли нақшу иқтидори ВИТ дар фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон дар таълими информатика; сохтори омодагӣ ва тавсифи раванди ташаккули он дар донишҷӯёни донишгоҳи педагогӣ; ҷузъҳои методикаи ташаккули он нокифоя омӯхта шудаанд, ки пештар мавзуи таҳқиқоти махсуси илмию методӣ нашудаанд.

Ҳамин тавр, мо **ихтилофҳои** зеринро ошкор намудем:

- байни дархости низоми муосири таҳсилот ба омӯзгоре, ки ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим омода аст ва сатҳи нокифояи омодагии омӯзгоре, ки барои дар фаъолияти амалӣ ҷорӣ кардани воситаҳои интерактивии таълим қобилият дорад;

- байни талаботи мавҷуда ба омодагии методии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи самараноки воситаҳои интерактивии таълим ва коркарди нокифояи комплекси таълимию методӣ оид ба истифодаи он дар мактаби олӣ.

Ҳамин тавр, муаммои таҳқиқоти мазкур аз асоснокии илмии омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим иборат аст.

**Робитаи кори диссертатсионӣ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзӯъҳои илмӣ**. Мавзуи таҳқиқоти мазкур бо дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди фаъолияти фикрии мактаббачагони хурдсол» МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи  соли 2030 робита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** таҳия ва асоснок намудани асосҳои педагогии омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир мебошад.

**Объекти таҳқиқот** - фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Предмети таҳқиқот -** раванду шартҳои омодагии омӯзгори ояндаи фанни информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир.

**Фарзияи таҳқиқот**: омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир самаранок мегардад, агар:

- воситаҳои интерактивии таълим ҳамчун воситаи фаъолияти касбии омӯзгори информатика афзалиятнок азхуд мешаванд, ки фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро

тариқи таъсири мутақобили иштирокчиёни раванди таълим дар асоси муколамаи интерактивие сурат гирад, ки бо ёрии захираи электронии таълимӣ ташкил шудааст;

- ташаккули омодагии зикршуда чун яке аз мақсадҳои муҳимтарини омодагии омӯзгори ояндаи информатика дар донишгоҳи педагогӣ баррасӣ гардад, раванди ташаккули он ба сохтори муқарраршуда, сатҳҳои омодагии мазкур такя карда, дар мувофиқат бо мантиқи рушд дар рафти як қатор марҳалаҳо - аз ангезишӣ (дарки нақш, мавқеъ ва имконияти ВИТ дар таълими информатика) то марҳалаи технологӣ (азхудкунии технологияҳои коркарду истифодаи ВИТ) ва минбаъд - ба марҳалаи ташкилӣ-методӣ (ташаккули таҷрибаи истифодаи аз ҷиҳати педагогӣ мувофиқи ВИТ дар раванди таълим) ба роҳ монда мешавад;
- асоси коркарди методикаи ташаккули омодагии зикршударо чунин ҷанбаҳо ташкил диҳанд:

- навсозии мундариҷаи таълими фанни информатика ва фанҳои алоҳидаи силсилаи ҳам фаннӣ, ҳам касбӣ дар донишгоҳи педагогӣ аз ҳисоби воридкунии воҳидҳои иловагии дидактикӣ.

- ташкили раванди омадагӣ тариқи аз ҷониби донишҷӯён таҳия кардани портфолиои ҳамгирошудаи омӯзгор ҳамчун воситаи беҳтарини андӯхтани таҷрибаи воқеии самаранок намудани раванди таълими информатика дар асоси истифодаи ВИТ.

Барои ноилшавӣ ба мақсади таҳқиқот ва санҷидани фарзияи пешниҳодшуда **вазифаҳои таҳқиқот** муайян шуданд:

1. Таҳлили асосҳои назариявии омӯзиши интерактивӣ дар педагогика.
2. Баррасии равишҳои муосири омоданамудани омӯзгорон дар низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Муайян кардани ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷавӣ ва протсессуалии технологияи омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим.
4. Санҷидани технологияи коркардшудаи омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ва асоснок кардани самаранокии он.

**Методҳои таҳқиқот**:

- *назариявӣ* - таҳлили назариявию методологии адабиёти психологию педагогӣ ва методӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва барномавию методӣ оид ба муаммои таҳқиқот, омӯзиши стандартҳои давлатии таҳсилот, таҳлили муназзам, таҷрид, ҷамъбаст, пешгӯӣ, тарҳрезӣ, амсиласозӣ;
- *методҳои эмпирии (таҷрибавӣ)* - ташхиси психологию педагогӣ - мушоҳида, мусоҳиба, суҳбат, анкетагирӣ, машваратҳо бо омӯзгорон, баҳои коршинос, таҳлили маҳсули фаъолияти таълимӣ, тестгирӣ аз донишҷӯён, озмоиши педагогӣ;
- *оморӣ* - коркарди оморӣ ва математикии натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлили миқдорию сифатии он;

**Марҳалаҳо ва тартиби таҳқиқот**. Ҳалли муаммои гузошта дар се марҳалаи алоқаманд амалӣ гардид.

*Дар марҳалаи якум (солҳои 2020-2021)* таҳлили таҳқиқот оид ба муаммои таҳқиқот, стандартҳои давлатии таҳсилот ва амалияи таҳсилот дар соҳаи омодагии омӯзгорониояндаи информатика гузошта шуд; мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян шуда, фарзияи он ифода шуд, методҳои таҳқиқот мушаххас гардиданд; сохтор, меъёрҳо ва сатҳҳои омодагӣ ошкор гардиданд; озмоиши муқарраркунанда гузаронида шуд.

*Дар марҳалаи дувум (солҳои 2021-2022)* амсилаи омодагии омӯзгориояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ва методикаи ба он мувофиқ коркард шу да, озмоиши ташаккулдиҳанда гузаронида шуд.

*Дар марҳалаи севум (солҳои 2022-2024)* озмоиши баҳодиҳанда гузаронида шуда, натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар маҷмӯъ таҳлил шуданд, хулосаҳо ифода шуда, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шакли пурра даровarда шуд.

**Асоси методологии таҳқиқотро** муқаррароти фалсафӣ оид ба моҳияти шахсият, робитаи диалектикии раванди маърифат ва фаъолияти инсон дар рушди шавқу рағбат ва эҳтиёҷот; таълимот дар бораи моҳияти психологии шавқи маърифатӣ, нақши пешбари фаъолият дар ташаккули шахсият; муқаррарот оид ба ягонагии назария ва амалия; консепсияҳои психологию педагогӣ оид ба маҳорати методии омӯзгор муайян карданд.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** консепсияи мундариҷаи муосири таҳсилот, консепсияи амсилаи ба фаъолият нигаронидаи таҳсилоти педагогӣ; дидгоҳҳои субъектӣ, шахсиятӣ, фаъолиятӣ, фарҳангшиносона, эҷодӣ, аксиологӣ, акмеологӣ, том, қаринавӣ ва муназзам нисбат ба ташкили раванди таълими педагогҳои оянда; дидгоҳҳои илмӣ ва коркардҳо оид ба муаммои дарки моҳияти салоҳиятнокии касбиву педагогӣ ва кордонии омӯзгор; принсипҳои хусусияти эҷодии фаъолияти педагогӣ.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот**:

- ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки фаъолияти касбӣ-педагогиро дар соҳаи илму маорифи Чумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунанд; ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия, Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дигар, ки талаботу дигаргуниҳои амалияи таҳсилотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамоянд.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ–озмоишии таҳқиқот:** МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Нововарии илмии таҳқиқот**:

– мафҳуми «воситаҳои интерактивии таълим» ҳамчун воситаи фаъолияти касбии омӯзгори информатика барои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон дақиқ гардид;

– моҳияти омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ҳамчун сифати арзишманди салоҳиятнокии касбӣ муайян шуд;

– нумаунаи педагогии омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ, ки ба шароити мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ шудааст, таҳия ва илмӣ асоснок карда шуд;

– бори аввал шароитҳои педагогӣ, ки ба омодагии самараноки омӯзгорони оянда барои истифодаи усулҳои интерактивии таълим мусоидат мекунанд, муайян карда шуданд;

– тавсияҳо оид ба татбиқи технологияҳои интерактивӣ дар раванди таълими омӯзгорон, ки баландшавии савияи касбии онҳоро таъмин мекунанд, пешниҳод гардиданд.

**Ба ҳимоя муқаррароти асосии зерин пешниҳод мешаванд**:

1. Консепсия оид ба воситаҳои интерактивии таълим ҳамчун воситаҳое, ки фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро тавассути таъсироти мутақобили иштирокчиёни раванди таълим дар рафти муколамаи интерактивӣ.

2. Амсилаи тарҳрезишудаи омодагии омӯзгориояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим, ки аз чунин қисмҳои таркибӣ: когнитивӣ-амалиётӣ, воситавӣ-фаъолиятӣ, рефлексивӣ-эҷодӣ иборат аст.

3. Технологияи педагогии омодагии омӯзгориояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ва тавсифи он, ки ҷузъҳои зеринро фаро мегирад: мақсаднок, мундариҷавӣ, протсессуалӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хулосаҳои ифодашуда ба рушди назарияву методикаи муосири таълиму тарбия (информатика, сатҳи таҳсилоти олии касбӣ) аз ҳисоби асоснок кардани сохтори омодагии омӯзгориояндаи информатика ба истифодаи ВИТ, марҳалаҳои ташаккули он; муайянкунии ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷавӣ ва протсессуалии технологияи омодагии зикршуда саҳм мегузоранд. Муқаррароти таҳқиқот барои ҷустуҷӯҳои илмии минбаъда дар соҳаи баланд бардоштани сифати омодагии касбии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ва омӯзгорони информатика, ҳамчунин фанҳои дигар дар самти дарёфти методҳо, воситаҳои таълим ҳамчун асоси назариявӣ хизмат карда метавонанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маълумоти дар таҳқиқот ҳосилшуда, инчунин комплексҳои таълимӣ-методӣ оид ба амалисозии омодагии омӯзгориояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим метавонанд дар донишгоҳҳои педагогӣ, институтҳои такмили ихтисос барои

фаъолияти самаранок ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии омӯзгорони информатика истифода шаванд, амсила, технологияи педагогии коркардшуда ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки роҳбарии педагогии раванди мазкурро омӯзгорон метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи амалӣ корбаст намоянд.

**Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии методологии муқаррароти назариявии ибтидоӣ; истифодаи низоми методҳои ҳамдигарро пурракунанда, ки ба мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд; маводи таҷрибавӣ, ки дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба даст омад; мониторинги мунтазами натиҷаҳои таҳқиқот дар марҳалаҳои гуногуни он; асоснок будани ҳаҷми интихобҳо; аҳаммияти омории маълумоти озмоишӣ таъмин гардид.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 − Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мувофиқат менамояд: бахши 1 – Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (дидгоҳҳои илмӣ ба таҳқиқи рушди таҳсилоти касбӣ, робитаи назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо соҳаҳои илми педагогӣ ва илмҳои дигар; робитаи мутақобили назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия; методҳои таҳқиқи таҳсилоти касбӣ); бахши 4 – Омодагии мутахассисон дар муассисаҳои олии касбӣ; бахши 11 – Технологияҳои муосири таҳсилоти касбӣ; бахши 17 – Тарбияи касбӣ: моҳият, равияҳои асосӣ; 18 – Интихоб ва таҳияи мундариҷаи таҳсилоти касбӣ; 26 – Муаммоҳои омӯзиш ва амалигардонии таҷрибаҳои инноватсионии таҳсилоти касбӣ; 29 – Технологияи инноватсионӣ дар соҳаҳои таҳсилоти касбӣ.

**Саҳми шахсии муаллифи** кор дар иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок кардани мубрамии мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайянкунии мақсад, вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам кардани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва нашр кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ,

ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда ва навиштани диссертатсия ифода ёфт.

**Азсанҷишгузаронӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот** дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардид, натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ (солҳои 2017-2020) баррасӣ шуданд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи омодагии омӯзгорон тавассути маҷмӯи мақолаҳои интишорёфта, хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулияти амалӣ дар донишгоҳ, роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён амалӣ гардид.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот**. Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 13 мақолаи диссертант инъикос ёфт, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, ки ба номгӯйи нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР барои нашри натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияҳо дохил шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро** мантиқи ҳалли пайдарпайи вазифаҳои он таъйин кард. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни диссертатсия дар 187 саҳифаи чопи компютерӣ баён шудааст. Дар диссертатсия 12 ҷадвал, 21 расм истифода шуда, руйхати адабиёти истифодашуда аз 220 номгӯ иборат аст.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, дараҷаи омӯхта шудани муаммои он, ҳадаф, объект, предмети таҳқиқот муқаррар гардиданд; муайянкунии вазифаҳо ва методҳо, соҳаи таҳқиқот, марҳалаҳои он анҷом ёфт; пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот таъйин шуда, боэътимодии натиҷаҳо ва навоварии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои илмӣ-методӣ баён шуданд.

Дар боби якум «**Асосҳои методологӣ ва назариявии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим**» моҳият, мундариҷа ва аҳаммияти воситаҳои интерактивии таълим дақиқ гардид, имконияти педагогии воситаҳои интерактивии таълим ва методҳои муосири назорат ва баҳодиҳии дастовардҳои таълимии педагогҳои оянда ошкор шуд ва тарҳрезии педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим анҷом дода шуд.

Фасли якум ба ошкору дақиқ намудани «**Моҳият, мундариҷа ва аҳаммияти воситаҳои интерактивии таълим дар фаъолияти таълимӣ**» бахшида шуда, вобаста ба доираи масъалаҳои он тамоюлҳои нав дар таҳсилоти муосир, аз ҷумла, гузариш ба таҳсилоти инкишофдиҳандаи шахсият, таъмини ташаккули натиҷаҳои нави он, татбиқи ғояҳои дидгоҳи фаъолиятӣ, мусаллаҳ гардидани мактабҳо бо таҷҳизоти компютерӣ ва ғайра баррасӣ шудаанд.

Бо такя ба таълифоти олимони ватаниву хориҷӣ таъкид бояд кард, ки дар баробари густариш пайдо кардани захираҳои электронии таълим ноилшавӣ ба сатҳи баланди сифати таълим муҳим аст, бинобар ин, таҷдиди мундариҷа, методҳо ва шаклҳои таълим зарур аст.

Дар педагогикаи муосир истифодаи мақсадноки воситаҳои интерактивии таълим (ВИТ) яке аз роҳҳои самараноки баланд бардоштани сатҳи сифати таълим эътироф гардида, зарфияту иқтидори бузурги дидактикии онҳо таъкид шудааст.

Торафт бештар мавқеъ пайдо кардани ВИТ боиси ба вуҷуд омадани шарики севуми интерактивӣ (таълимгиранда, омӯзгор, ВИТ) дар таъсироти мутақобили таълимӣ гардид. Вобаста ба ин мавқеи омӯзгор низ тағйир ёфта, ӯ имкон пайдо кард, ки бо такя ба ВИТ самтгириро ба хусусиятҳои инфиродию психологии хонандагон тақвият диҳад.

Вобаста ба татбиқи густурдаи ВИТ ва бознигарии мавқеи омӯзгор дар дарс муҳаққиқон истилоҳи «фасилитатор»-ро ба муомилоти илмӣ ворид карданд. Мафҳуми «фасилитатсия» (анг. facilitate - дастгирӣ намудан, ёрӣ расонидан) аввалин маротиба аз ҷониби Карл Роҷерс ворид шуда, мувофиқи назарияи ӯ омӯзгор -

ёрирасон бояд се шарти асосиро ба инобат гирад: конгуэртнокӣ - дар муносибатҳо бо хонандагон чӣ хеле ки ҳақиқатан ҳаст, бояд бошад; пазируфтан (боварӣ) - зоҳир кардани боварӣ ба имконияти ҳар як таълимгиранда; эмпатия (ҳамҳиссӣ) - нигоҳ кардан ба таълимгиранда бо чашмони худи ӯ, фаҳмидани кӯдак аз нуқтаи назари худаш.

Дар идома бо такя ба дидгоҳу хулосаҳои муҳаққиқон моҳияту мундариҷаи мафҳуми интерактивнокӣ ошкор гардидаанд: «муколамаи интерактивӣ» таъсироти мутақобили байни истифодабаранда ва низоми барномавӣ аст, ки ба он хусусиятҳои шаклгирифтаи муколама хос мебошад; аз нуқтаи назари педагогӣ интерактивнокиро вобаста ба технологияҳои педагогӣ ҳамчун таъсироти мутақобили субъектҳои раванди таҳсилот баррасӣ метавон кард, аммо дар мавриди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (ТИИ) интерактивнокӣ ҳамчун таъсироти мутақобил бо воситаи барномавӣ фаҳмида мешавад.

Робитаи аксе, ки дар воситаҳои ТИИ истифода мешавад, чунин имкониятро фароҳам меорад: - идоракунии раванди таълим; - назорат ва ислоҳи он; - таъмини ноилшавӣ ба мақсадҳои гузоштаи омӯзгорон; - ёрӣ расонидан ба таълимгирандагон зимни кори мустақилона бо ВИТ барои интихоби дуруст аз байни бисёр амалҳои пешниҳодшуда; - амалиёт бо иттилоот ва воягузории он ва ғ.

Дар асоси ҷамъбасти хулосаҳои олимон се шакли интерактивнокиро дар захираҳои электронии таълимӣ муайян намудем ва навъҳои фаъолияти таълимгирандагон бо онҳо, инчунин вариантҳои истифодаи онҳоро дақиқ кардем: а) интерактивнокии босуръат (реактивӣ); б) интерактивнокии амалӣ; в) интерактивнокии мутақобил.

Истифодаи ғояҳои таълими интерактивӣ сатҳи баланди кордонии омӯзгор, таҷриба ва омодагии ӯро ба фаъолияти инноватсионӣ, бе тайёрии пешакӣ истифода бурдани воситаву методҳои интерактивии таълимро тақозо менамояд, зеро сохтори машғулияти интерактивӣ аз сохтори машғулияти муқаррарӣ фарқ мекунад.

Дар идома махсусият ва аҳаммияти корбасти иқтидори воситаҳои интерактивии таълим: муаррифиҳои таълимӣ, машқдиҳандаҳои (тренажер) интерактивӣ, амсилаҳои интерактивӣ, тахтаи интерактивӣ муфассал баррасӣ шуданд.

Нуктаҳои зикршударо ҷамъбаст намуда, зери мафҳуми интерактивнокӣ таъсироти мутақобили бевосита ё бавоситаи иштирокдорони раванди таҳсилотро мефаҳмем, ки зимни он принсипҳои робитаи акс амалӣ мешаванд, ки муколамаи таълимиро таъмин менамоянд.

Воситаҳои интерактивии таълим дар таҳқиқоти мо ҳамчун маҷмӯи воситаҳои техникӣ ва дидактикӣ фаҳмида мешаванд, ки таҳрики фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро дар рафти муколамаи интерактивӣ имкон дода, дар захираи электронии таҳсилот дар чунин ҷанбаҳо амалӣ мегардад: истифодаи навъҳои гуногуни робитаи акс; имконияти интихоби мустақилонаи маҳруки омӯзиши порчаҳои иттилооти таълимӣ, вақт ва суръати кор, ҳаҷму сатҳи мураккабии иттилооти таълимиро аз ҷониби хонандагон; мустақилона таҳия кардани маҳсули эҷодии таълим дар раванди дигаргунсозии иттилооти таълимӣ.

Дар асоси нуктаҳои зикршуда мо иқтидори ВИТ-ро барои таълим ошкор намудем: - динамикаи пешниҳоди объектҳои иттилоотӣ дар экран тариқи ВИТ ва образнокии воситаҳои бисёррасонаӣ дарки равандҳои мураккаб ё мафҳумҳои таҷридии информатикаро имкон медиҳанд; - имконияти интерактивии ВИТ якҷоя бо тарзҳои ёрирасонии педагогӣ таҳрики фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро имкон медиҳанд; - имконияти дар ВИТ ба қадамҳо тақсим кардани мавод ва фароҳам овардани шароит барои кори пайдарпай дар минтақаи рушди наздиктарини хонандагон бо коҳиши батадриҷи сатҳи дастгирӣ то истифодаи мустақилонаи донишҳои андӯхташуда; - ба роҳ мондани муколамаи интерактивӣ дар асоси ВИТ имкон медиҳад, ки идоракунии раванди таълим ҳам бевосита дар тамос бо омӯзгор ҳангоми дарс, ҳам дар режими виртуалӣ зимни таълими фосилавӣ амалӣ гардад, ҳамчунин ташкили таъсироти байни хонандагон ё таъсироти мустақилона барои як хонанда сурат гирад; - зудҳаракат ва одӣ будани гузариш ба навъҳои

гуногуни аёният зимни шарҳ додани маводи нав, маҷмӯӣ будани истифодаи воситаҳои гуногуни таълим аз ҳисоби ҳамгиро кардани маводи таълими электронии бисёррасонаӣ, машқдиҳандаҳо ва супоришҳои санҷишӣ ба як воситаи педагогӣ (китобҳои дарсии интерактивӣ, плакатҳои интерактивӣ, муҳаррирони матнӣ ва ғ.) имкон медиҳад, ки мундариҷаи информатика дар вазъияти гуногуни дидактикӣ (шарҳу тавзеҳ, намоиш, амсиласозӣ, кори таҳқиқотӣ ва ғ.) азхуд шавад.

Дар фасли дувуми ин боб «**Имконияти педагогии воситаҳои интерактивии таълим ва методҳои муосири назорату баҳодиҳии дастовардҳои таълимии педагогҳои оянда**» таъкид гардидааст, ки инноватсияҳои методии муосир пеш аз ҳама, бо татбиқи воситаву методҳои интерактивии таълим алоқаманданд. Ҳангоми истифодаи методу шаклҳои таълими интерактивӣ дар рафти кор бо донишҷӯён ба он диққат бояд дод, ки дар раванди таълими интерактивӣ омӯзгори оянда якчанд мавқеи асосӣ дошта, навъҳои муайяни фаъолиятро иҷро мекунад. Чунончи, ӯ дар мавқеи ташкилкунанда таъсироти мутақобили хонандагон ва маводи таълимро ба роҳ монда, иҷрои супоришҳои инфиродӣ ва гурӯҳиро ҳамоҳанг мекунад, ташкили баррасии коллективии (гурӯҳии) натиҷаҳо анҷом медиҳад; дар мавқеи мушовир - ёрирасон омӯзгор ба таҷрибаи донишҷӯён муроҷиат карда, онҳоро ба ҷамъоварии мустақилонаи маълумоти нав, ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои вуҷуддошта ва гузориши масъалаҳои нав водор месозад.

Бо мақсади рушди маҳорати амалии омӯзгорони оянда оид ба ташкили таълими интерактивӣ ба онҳо вариантҳои гуногуни истифодаи воситаҳои фикрӣ-техникӣ, иҷтимоию техникӣ ва равонию техникии ташкили раванди таълим пешниҳод мегардад. Технологияи ҳалли гурӯҳии муаммо воситаи асосии фикрӣ-техникии ташкили раванди кор дар технологияи интерактивӣ аст. Таваҷҷуҳи омӯзгорониояндаро методи ташкили кори гурӯҳӣ - модератсия ба худ ҷалб менамояд. Ба он хусусиятҳои зерини тафовутдиҳанда хос мебошанд: - сохтори дақиқи тамоми раванди баррасии муаммоҳо ва қабули қарор дар мувофиқат бо мақсадҳои гузошта; - талаботи махсус ба салоҳиятнокии касбӣ ва хусуси-

ятҳои шахсии ташкилкунанда; - мавҷудияти як қатор «қоидаҳои бозӣ», ки барои тамоми иштирокдорон ҳатмист. Вобаста ба ин метод дар идома марҳалаҳои модератсия муфассал баррасӣ шуданд.

Ба воситаҳои иҷтимоию техникӣ методу техникаҳои кори гурӯҳӣ, байнигурӯҳӣ, қисман гурӯҳӣ мансубанд, ки шакли маъмултарини он мубоҳиса мебошад. Ҳамчунин, унсурҳои асосии сохтории таълими интерактивӣ: «Ду-чор- ҳама якҷоя», кор бо гурӯҳҳо, «Бозӣ аз рӯйи нақшҳо», «Драматикунонӣ», «Ҷаласаи судии кӯтоҳ», ҳуҷуми зеҳнӣ, методи «Баландгӯяк», методи «Пресс», «Мавқеъро ишғол бикун», «Дарахти ҳаллу қарорҳо», «Аквариум», «Музокира» тавсиф шуданд.

Ҳамин тавр, омодагии психологию педагогии омӯзгорони оянда дар мактабҳои олӣ ба коркарду истифодаи шаклу методҳои таълими интерактивӣ пайвастшавии фаъолонаи онҳоро ба вазъияти интерактивии касбӣ-педагогӣ тақозо менамояд. Таъсироти мутақобили интерактивӣ шавқу рағбатро ба таълим баланд карда, фаъолнокии омӯзгорониояндаро пешбинӣ мекунад, маҳорати ҳалли муаммоҳои воқеии педагогиро такмил дода, донишҳои педагогӣ, психологӣ, иҷтимоию педагогӣ, ахлоқӣ ва донишҳои назариявии дигарро ҳосил мекунонад, чандирии тафаккури касбӣ, дидгоҳи эҷодиро ба ҳалли муаммоҳои психологию педагогӣ инкишоф медиҳад, иродаро тақвият дода, ба густариши ҷаҳоншиносии иҷтимоии таълимгирандагон мусоидат менамояд.

Тарҳрезии фан аз рӯйи принсипҳои таълими модулӣ ва низоми воҳидҳои кредитию санҷишӣ имкон медиҳад, ки дастовардҳои таълимии донишҷӯ зимни ҳаракат аз рӯйи маҳруки инфиродии таълимӣ мушоҳида шавад. Рӯзномаи «Оинаи донишу маҳорати ман»-ро дар ин маврид ҳамчун воситае баррасӣ метавон кард, ки ба объективнокии баҳои салоҳияти таҳсилотӣ, шахсиятӣ ва касбии донишҷӯ таъсири назаррас мерасонад. Портфолиои донишҷӯ воситаи дигари инъикоскунандаи дастовардҳои донишҷӯ мебошад, ки аз ҳуҷҷатҳои зерин иборат буда метавонад: - мақолаҳои донишҷӯ, фишурдаҳо бо маълумот оид ба сарчашмаҳо; - матнҳои маърӯзаҳо бо ишораи мавзуи конференсияҳо ва муҳлатҳои гузаронидани онҳо; -ҳисобот дар бораи конферен-

сияҳое, ки донишҷӯ иштирок кардааст; - ҳисобот дар бораи коромӯзиҳо, сафарҳои эҷодӣ; - ҳуҷҷатҳои сертификатдор; - навъҳои дигари ҳисобот, ки дар бораи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯ маълумот медиҳанд.

Воситаҳои инноватсионии баҳодиҳии дастовардҳои донишҷӯён ташкили раванди таҳсилро бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим, технологияҳои таълими лоиҳавӣ, модулӣ, кейсӣ, муаммовӣ, интерактивиро дар мактаби олӣ пешбинӣ менамояд.

Дар меҳвари фасли севуми ин боб масъалаи «**Тарҳрезии педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим**» қарор дорад. Таъкид гардидааст, ки омили муҳимтарини татбиқи бомуваффақияти таълими интерактивӣ дар мактаб омодагии аз ҷиҳати педагогӣ асосноки омӯзгориояндаи информатика аст, зеро танҳо дониши хуби информатика омодагии самараноки омӯзгорониояндаро барои пешниҳоди маводи таълим дар шакли интерактивӣ кафолат дода наметавонад. Ҷамъбасти таҳлили низоми шаклгирифтаи омодасозии омӯзгорониояндаи информатика дар заминаи таҳқиқоти дахлдор нишон дод, ки ба он самтгирӣ бештар ба ҷанбаи технологии омӯзиш хос мебошад: ҷиҳатҳои барномавӣ-техникии тарзҳои кор бо таъминоти барномавии компютер, тахтаҳои электронӣ, воситаҳои Интернет.

Бо такя ба хулосаҳои олимон, аҳаммияти портфолио ҳамчун методи баҳодиҳӣ, воситаи баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии донишҷӯён ошкор гардида, вазифаҳои асосии он ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба он зикр шудаанд: мувофиқати онҳо ба мақсадҳои педагогӣ, татбиқи имконияти ВИТ дар рафти муколама бо онҳо, корбасти ВИТ бо мақсади таҳрики фаъолияти таълимию маърифатии хонандагон, муайянкунии сатҳи фарогирии техникаи педагогӣ тавассути ВИТ, зоҳир гардидани қобилияти баррасию таҳлили натиҷаҳои дарсҳо ва ғ.

Дар идома дидгоҳҳои муҳаққиқон оид ба масъалаи ташаккул додани омодагии касбӣ таҳлилу баррасӣ гардида, мақсадҳое зикр гардиданд, ки дар раванди ташаккули омодагии донишҷӯён ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим бояд амалӣ шаванд,

аз ҷумла, дар онҳо ташаккул додани ангезаи таҳия ва истифодаи ВИТ, дар онҳо парваридани малакаҳои дарёфти захираҳои интерактивӣ, таҳияи захираҳои таълимии интерактивию электронии худ ва ғ. Ҳамучунин, мафҳуму хусусиятҳои салоҳиятнокии омӯзгори фанни информатика, алалхусус, зимни истифодаи ВИТ, аз ҷумла, салоҳиятнокии иттилоотӣ бо такя ба хулосаҳои муҳаққиқони соҳа баррасӣ гардидааст.

Дар таҳқиқот меъёрҳои ташаккули қисмҳои таркибии омодагии таҳқиқшаванда баррасӣ гардид, ки тавассути нишондиҳандаҳои муҳим ва зарур зоҳир мешаванд.

Дар таҳқиқот ошкор гардид, ки омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи ВИТ тариқи гузаштан аз се сатҳ ташаккул меёбад: паст, миёна ва баланд. Ҳар як сатҳ дар мувофиқат бо дараҷаи ташаккулёбии ҷузъҳои таркибии мушаххаси омодагӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо муайян мешавад.

Раванди ташаккули омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим дар рафти *се марҳала* амалӣ мегардад, ки мантиқи ташаккули онро инъикос мекунанд: *ангезишӣ, технологӣ, ташкилӣ-методӣ.*

Ҳамин тавр, омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим бояд ҳамчун яке аз мақсадҳои афзалиятноки омодагии ӯ дар мактаби олӣ баррасӣ шуда, бояд дар мувофиқат бо амсилаи пешниҳодшуда тарҳрезӣ гардад, ки сохтор, сатҳҳо ва марҳалаҳои ташаккули онро инъикос менамояд.

Боби дувуми диссертатсия «**Технологияи педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим**» аз ду фасл иборат аст. Ба баррасии ҷанбаи муҳтавои технологии педагогӣ-мувофиқи омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни информатика барои истифодаи васоити интерактивии таълим (ВИТ) ва санҷиши самаранокии ин технология дар доираи таҷриба бахшида шудааст.

Фасли якуми ин боб «**Мундариҷаи технологияи педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим**» Дидгоҳҳои олимони соҳа оид ба низоми методии

таълим баррасӣ гардида, мундариҷа ва ҷузъҳои методикаи ташаккули омодагии омӯзгори ояндаи фанни информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим (ВИТ) муайян карда шудаанд, ки аз ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷавӣ ва равандӣ (протсессуалӣ) иборатанд. Дар идома, тавсифи ҷузъҳои технология бо такя ба тафсирҳои мавҷуда анҷом ёфта, низоми мақсадҳо, сатҳҳои тарҳрезии мундариҷаи таълим ва моҳияти ҷузъи равандӣ равшан ва мушаххас гардонида шудаанд.

Дар доираи ин фасл ҳамчунин алгоритми таҳияи ВИТ-и барномавӣ коркард шуд, ки донишҷӯён дар тамоми марҳалаҳои ташаккули омодагӣ барои истифодаи ВИТ корбаст мекунанд.

Дар фасли дувуми ин боб «**Самаранокии технологияи педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим**» дар рафти озмоиши педагогӣ санҷида шуд.

Озмоиши педагогӣ дар се марҳала: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда, баҳодиҳанда гузаронида шуд.

Дар марҳалаи муқарраркунанда дар солҳои 2019-2020 бо донишҷӯёни курси 4-ум (Замимаи 2) ва омӯзгорони информатика (Замимаи 1) анкетаву пурсиш гузаронида, дарсҳои онҳо бо мақсади ташхиси ташаккулёбии омодагии онҳо барои истифодаи ВИТ таҳлил шуданд. Натиҷаҳои пурсиш мавҷудияти як қатор мушкилоро дар соҳаи омодагии омӯзгорон барои истифодаи ВИТ ошкор карданд. Аз ҷумла, аксари омӯзгорон барои ҳалли муаммоҳои методӣ бо истифодаи ВИТ омода нестанд ё онҳоро лаҳзавӣ истифода мебаранд; муаррифиҳое, ки омӯзгорон мустақилона таҳия кардаанд ё аз Интернет дарёфтаанд, аксар вақт ҳамчун ёрирасон истифода мешаванд ва ғ. Дар ҷадвали №1 натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда инъикос шуданд.

***Ҷадвали №1.***

**Ташаккулёбии омодагии омӯзгорони ояндаи информатика барои истифодаи ВИТ (озмоиши муқарраркунанда)**

| Сол | Сатҳҳои ташаккули омодагӣ | | |
|---|---|---|---|
| | Паст | Миёна | Баланд |
| 2021 | 65% | 35% | - |
| 2020 | 72% | 28% | - |
| 2019 | 75% | 25% | - |

Дар натиҷаи таҳлили анкета ошкор гардид, ки аксари донишҷӯён бо вуҷуди омодагии технологии баланд барои истифодаи ВИТ омода нестанд: 70% донишҷӯён сатҳи пасти омодагиро нишон доданд, 30% сатҳи миёнаи омодагиро нишон доданд, сатҳи баланди омодагии омӯзгори информатика умуман ошкор нагардид.

Марҳалаи ташаккулдиҳандаи озмоиш се қисмро фаро гирифт: ангезавӣ, технологӣ, ташкилӣ-методӣ.

Дар марҳалаи ангезавӣ таълим асосан дар рафти омӯзиши курсҳои анъанавӣ амалӣ гардида, воҳидҳои иловагии дидактикӣ истифода шуданд, донишҷӯён маърӯза ва рефератҳоро бо мақсади таҳлили муқоисавӣ омода карданд, байни онҳо мубоҳисаҳо баргузор шуда, онҳо таҳияи маводи дидактикиро бо ёрии ТБ ва сервисҳои Интернет анҷом доданд. Намунаҳои супоришҳое, ки ба донишҷӯён дар рафти омӯзиши фанни «Таъминоти барномавии МЭҲ» ва дар таҷрибаомӯзии компютерӣ зимни таҳияи муаррифиҳои таълимии компютерӣ пешниҳод гардиданд, дар доираи ин фасл оварда шуданд.

Донишҷӯён дар машғулиятҳои амалӣ бо технологияҳои таҳияи захираҳо бо ёрии таъминоти барномавии махсус, сервисҳои иҷтимоии шабакаи Интернет, воситаҳои барномавии тахтаи интерактивӣ шинос шуданд, ки якчанд намунаи супоришҳои донишҷӯён дар машғулиятҳои лабораторӣ ва алгоритмҳои иҷрои онҳо муфассал оварда шудааст.

Қисми ташкилӣ-методии ташаккули омодагӣ ба татбиқи мақсади истифодаи ВИТ дар доираи курсҳои информатикаи силсилаи касбӣ равона гардида, дар доираи он супоришҳо ҷиҳати дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати банақшагирии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон бо истифодаи ВИТ, гузарони-

дани таҳлили ба мақсад мувофиқ будани ВИТ-и дар дарсҳо истифодашаванда; тарҳрезии дарс дар мувофиқат бо вазифаҳои дидактикии гузошташуда таҳия шуданд. Дар ин самт ба истифодаи мақсадноки ТИ ва ВИТ таъкид шуда, алгоритмҳои тарҳрезии дарс бо истифодаи ВИТ ба донишҷӯён пешниҳод гардиданд.

Ба коршиносон пешниҳод гардид, ки қисмҳои таркибии омодагии таҳқиқшавандаро баҳо диҳанд. Баҳодиҳии ҳар як нишондиҳанда аз рӯй низоми панҷхолӣ барои ҳар яке аз дувоздаҳ нишондиҳандаи ҳар як ҷузъи омодагӣ амалӣ гардид. Барои ҳар як ҷузъ натиҷаи ҷамъшудаи нишондиҳандаҳо (то 60 хол) ва натиҷаи портфолио (то 40 хол) ҳисоб карда шуда, баъди ин натиҷаҳои ҷамъбастии ҳосилшуда бо ҳам ҷамъ шуда, ба миқдори онҳо тақсим карда мешаванд.

Дар натиҷа бузургии сатҳи ташаккулёбӣ ҳосил мешавад. Муқоисаи нишондиҳандаи омодагӣ аз рӯйи формулаи n ҳисоб карда шуд, ки дар он и $P = \frac{Pn}{n}$ бузургии нишондиҳандаи сатҳи ташаккулёбии омодагӣ, $P_n$—натиҷаи ҷамъшудаи нишондиҳандаҳои ҷузъи мушаххаси омодагӣ, n=3 – адади ҷузъҳои омодагӣ.

Ба сифати намуна натиҷаҳои ташхиси муқоисавии омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи ВИТ дар гурӯҳҳои озмоишӣ (3 нафар) ва назоратии (25 нафар) донишҷӯёни ихтисоси 032100.00 «Математика» бо ихтисоси иловагии «Информатика» дар ибтидо (соли таҳс. 2020-2021) ва интиҳои озмоиш (соли таҳс. 2021-2022) оварда мешаванд, ки динамикаи мусбатро дар гурӯҳи озмоишӣ нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои озмоиш нишон доданд, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ динамикаи мусбат дар ташаккули омодагӣ ба таври назаррас афзудааст, махсусан дар марҳилаи мотивасионӣ. Муҳим аст, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ омодагии бештареро барои истифодаи системаҳои интерактивӣ дар шароити таълимӣ дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ нишон доданд. Ин дар пешравии гурӯҳи таҷрибавӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушд ба таври равшан намоён буд, бо беҳбудиҳои назаррас байни ду нуқтаи ҷамъоварии маълумот.

Таҳлилҳо қобилияти афзояндаи омӯзгорони ояндаи информатика, хусусан дар гурӯҳи таҷрибавӣ, барои ҳамгиро кардани ВИТ-ро ба стратегияҳои педагогии худ нишон медиҳанд. Ин натиҷаҳо гувоҳи онанд, ки мудохилаҳои мақсаднок, ки ба ҷанбаҳои мотивасионӣ ва амалии омодагӣ равона шудаанд, омодагии умумии донишҷӯёнро ба таври назаррас баланд мебардоранд, ки ин дар ниҳоят ба касбияти онҳо дар муҳити интерактивии таълимӣ мусоидат мекунад.

***Ҷадвали 2.***

**Натиҷаҳои ташхиси ташаккулёбии сатҳҳои омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи ВИТ дар марҳалаи якум (ангезавӣ)**

| Гурӯҳ | Ибтидои марҳала | | | | | | Интиҳои марҳала | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | паст | | миёна | | баланд | | паст | | миёна | | баланд | |
| | микд. донишҷӯён | % | микд. донишҷӯён | % | микд. донишҷӯён | % | микд. донишҷӯён | % | микд. донишҷӯён | % | микд. донишҷӯён | % |
| Озмоишӣ | 30 | 88 | 3 | 12 | 0 | 0 | 16 | 60 | 11 | 40 | 0 | 0 |
| Назоратӣ | 25 | 84 | 4 | 16 | 0 | 0 | 15 | 75 | 6 | 25 | 0 | 0 |

Чунонки аз ҷадвал маълум аст, ташаккули сатҳи миёнаи омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи ВИТ дар гурӯҳи озмоишӣ дар интиҳои марҳалаи якум (ангезавӣ) ба 40% аз миқдори умумии донишҷӯёни гурӯҳ наздик шуд, дар гурӯҳи назоратӣ бо вуҷуди афзудан, миқдори ин гуна донишҷӯён аз 15% кам боқӣ монд.




**Расми 1. Натиҷаҳои ташхиси ташаккулёбии омодагии омӯзгориояндаи информатика барои истифодаи ВИТ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар ибтидо ва интиҳои марҳалаи якум**

Чигунае ки диаграмма нишон медиҳад, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ беҳбудии назарраси нишондиҳандаҳои академӣ ба даст омадааст. Ин натиҷаҳо пешрафти бартаридоштаи гурӯҳи таҷрибавиро таъкид мекунанд, ки онро метавон бо татбиқи методикаи мақсаднок шарҳ дод.

Дар таҳлили нишондиҳандаҳои ҷузъҳои алоҳидаи омодагӣ мо мушоҳида кардем, ки гарчанде ки дар сатҳи аввал диққати асосӣ ба рушди ҷузъи когнитивию амалӣ равона шуда буд, инчунин пешрафт дар ҷузъи фаъолияти асбобӣ низ ба қайд гирифта шудааст. Ин муҳим аст, зеро беҳбудиҳо аз ҳадафҳои ибтидоӣ фаротар рафтаанд. Ҷолиб он аст, ки марҳилаи аввали ташаккули омодагӣ ба истифодаи ВИТ дар омӯзгорониояндаи фанни информатика одатан дар курси аввал ба амал меояд. Инро метавон бо набудани курсҳои махсус, ки мустақиман ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълимӣ равона шудаанд, дар барномаи таълимӣ шарҳ дод, ки шиносоии барвақти донишҷӯёнро бо ин воситаҳо ба таъхир меандозад.

*Ҷадвали № 3.*

**Натиҷаҳои ташхиси сатҳҳои ташаккули омодагӣ дар интиҳои марҳалаи дувум**

| Гурӯҳ | **паст** | | **Миёна** | | **баланд** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Микд. донишҷӯ | % | Микд. донишҷӯ | % | Микд. донишҷӯ | % |
| Озмоишӣ | 11 | 36 | 14 | 48 | 5 | 16 |
| Назоратӣ | 16 | 63 | 7 | 29 | 2 | 8 |

Ҷадвали №3 нишон медиҳад, ки дар охири марҳилаи дуюм сатҳи ташаккули омодагии донишҷӯён дар гурӯҳи таҷрибавӣ назар ба гурӯҳи назоратӣ ба таври назаррас баландтар аст. Дар гурӯҳи таҷрибавӣ 36% донишҷӯён дар сатҳи паст қарор доранд, дар ҳоле ки дар гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳанда 63%-ро ташкил медиҳад, ки ин ба пешрафти чашмрас ишора мекунад. Дар сатҳи миёна 48% донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ ва танҳо 29% дар гурӯҳи назоратӣ қарор доранд. Сатҳи баланди омодагӣ дар 16% донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ ва танҳо дар 8% гурӯҳи назоратӣ ба даст омадааст. Ин нишондиҳандаҳо ба таъсири самарабахши методикаи таҷрибавии таълимӣ дар ташаккули омодагии донишҷӯён ишора мекунанд.




**Расми 2. Натиҷаҳои ташхиси ташаккули ҷузъҳи омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи ВТ (дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ, интиҳои марҳалаи дувум)**

Самаранокии методика дар азхудкунии дараҷаҳои имкониятҳои воситаҳои интерактивии таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён, дар рушди креативият ҳангоми иҷрои лоиҳаҳо ва дар ташаккули устувории донишҷӯён дар мавқеи омӯзгорӣ ифода меёбад, ки супоришҳоро ҳамчун кори муаллифӣ қабул мекунанд.

Дар ҷадвали №4 сатҳҳои ташаккулёбии омодагии донишҷӯён барои истифодаи ВИТ дар интиҳои марҳалаи савум, яъне ташкилӣ-методӣ инъикос ёфтанд.

***Ҷадвали № 4.***

**Натиҷаҳои ташхиси сатҳҳои ташаккулёбии омодагии омӯзгориояндаи информатика барои истифодаи ВИТ (интиҳои марҳалаи севум)**

| Гурӯҳ | паст | | Миёна | | баланд | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Микд. донишҷ. | % | Микд. донишҷ. | % | Микд. донишҷ. | % |
| Озмоишӣ | 3 | 12 | 15 | 52 | 12 | 36 |
| Назоратӣ | 12 | 46 | 9 | 32 | 4 | 22 |

Маълумоти бадастомада имкон медиҳад, ки динамикаи тағйирот дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ таҳлил карда шавад, бо ҷудо кардани се сатҳи омодагӣ: паст, миёна ва баланд.

Дар гурӯҳи таҷрибавӣ, беҳбудии назарраси нишондиҳандаҳо мушоҳида мешавад. Танҳо 12% донишҷӯён сатҳи пасти омодагиро нишон доданд, ки ин нисбат ба марҳилаҳои қаблӣ коҳиш ёфтааст, шояд ин ба истифодаи методикаҳои махсус таҳияшуда, ки ба азхудкунии самараноки воситаҳои интерактивӣ равона шудаанд, марбут бошад. Шумораи зиёди донишҷӯён (52%) дар сатҳи миёна қарор доранд, ки ин пешравии муайянро нишон медиҳад, аммо ҳанӯз ҳам барои рушди минбаъда ва устувории малакаҳо потенсиали зиёд мавҷуд аст. Муҳим аст, ки 36% донишҷӯён сатҳи баланди омодагиро нишон доданд, ки ин натиҷаи мусбати ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионии таълимӣ дар раванди таълим мебошад.

Гурӯҳи назоратӣ, ки дар он усулҳои анъанавии таълимӣ истифода мешуданд, натиҷаҳои хеле поинтарро нишон доданд. 46% донишҷӯён дар сатҳи пасти омодагӣ боқӣ монданд, ки ин беш аз 3 маротиба бештар аз нишондиҳандаи гурӯҳи таҷрибавӣ мебошад. Сатҳи миёнаи ташаккулёбӣ дар 32% донишҷӯён мушоҳида мешавад, ки 20% камтар аз гурӯҳи таҷрибавӣ аст. Сатҳи баланди омодагӣ танҳо дар 22% донишҷӯён мушоҳида шудааст, ки низ назар ба гурӯҳи таҷрибавӣ ба таври назаррас камтар аст.

Ин ҷараёни фарзияро тасдиқ мекунад, ки истифодаи воситаҳои интерактивии таълимӣ ба омодагии омӯзгорони оянда таъсири мусбат расонида, сатҳи омодагии онҳоро барои истифодаи ВИТ дар амалия ба таври назаррас баланд мебардорад. Инчунин, ин нишон медиҳад, ки усулҳои анъанавӣ, ки дар гурӯҳи назоратӣ истифода мешуданд, барои ташаккули малакаҳои зарурӣ дар шароити муосири таълимӣ камсамар мебошанд.

Дар гурӯҳи таҷрибавӣ натиҷаҳои ташхис беҳбудии назаррасро нишон медиҳанд: 36% донишҷӯён ба сатҳи баланди омодагӣ ба истифодаи ВИТ ноил шуданд, ки аз гурӯҳи назоратӣ (22%) хеле зиёд аст. Дар баробари ин, дар гурӯҳи назоратӣ фоизи баланди хонандагони сатҳи пасти омодагӣ боқӣ мемонад (46% дар муқоиса бо 12% дар гурӯҳи таҷрибавӣ).

Барои аёнияти бештар натиҷаҳои ҷадвалро дар шакли диаграмма пешниҳод мекунем (расми 3).




**Расми 3. Натиҷаҳои ташхиси ташаккулёбии омодагӣ (гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ, интиҳои марҳалаи севум)**

Таҳлили сифатии натиҷаҳои пурсиш (Рас. 3) ба хулоса овардан имкон медиҳад, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ дар сатҳҳои миёна ва баланди омодагӣ ба истифодаи ВИТ аз гурӯҳи назоратӣ пешсафанд. Ин натиҷаҳо таъсири мусбати методикаи ҷорикардашудаӣро дар гурӯҳи таҷрибавӣ инъикос намуда, омодагии беҳтари онҳоро дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ нишон медиҳанд.




**Расми 4. Натиҷаҳои ташхиси сатҳи ташаккулёбии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ (ибтидо ва интиҳои озмоиш)**

Диаграммаи мазкур (Рас. 4) нишон медиҳад, ки дар сатҳҳои омодагии омӯзгорон барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълимӣ байни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ фарқиятҳо мавҷуданд. Дар гурӯҳи таҷрибавӣ афзалияти назаррас дар сатҳи баланди омодагӣ мушоҳида мешавад (52%), дар ҳоле ки ин нишондиҳанда дар гурӯҳи назоратӣ 22%-ро ташкил медиҳад. Сатҳи миёна низ дар гурӯҳи таҷрибавӣ баландтар аст — 36% бар зидди 32% дар гурӯҳи назоратӣ. Сатҳи пасти омодагӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ хеле камтар мушоҳида мешавад (2%), дар ҳоле ки дар гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳанда ба 46% мерасад. Ин маълумотҳо ба динамикаи мусбат дар натиҷаҳои гурӯҳи таҷрибавӣ ишора мекунанд, ки самаранокии методикаҳои ҷорикардашудаӣро тасдиқ менамоянд.

Коркарди омории маълумоти ҳосилшуда дар асоси истифодаи меъёри $X^2$ (Фридман) иҷро шуда, тафовути муҳими натиҷаҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ тасдиқ гардид. Тақсимшавии донишҷӯён аз рӯйи сатҳҳои омодагӣ барои истифодаи ВИТ дар фаъолияти касбӣ дар ибтидои озмоиш нишон дод, ки фарзия сифр қабул карда мешавад, яъне байни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ тафовути назаррас вуҷуд надоранд. Дар интиҳои озмоиш фарзияи сифр дар сатҳи бузургии 0,05 инкор шуда, фарзияи алтернативӣ қабул шуд - натиҷаҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ фарқ мекунанд.

Дар расми 5 натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар намуди диаграмма аз рӯйи тамоми марҳалаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ инъикос гардид, ки динамикаи умумии ташаккулёбии омодагии донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ барои истифодаи ВИТ нишон медиҳад ва дар он динамикаи барҷаста зоҳиршудаи донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ аён аст.




| | Оғози таҷриба | Оғози таҷриба | Анҷоми марҳилаи 1 | Анҷоми марҳилаи 1 | Анҷоми марҳилаи 2 | Анҷоми марҳилаи 2 | Анҷоми марҳилаи 3 | Анҷоми марҳилаи 3 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гурӯҳ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Паст (%) | 12 | 16 | 40 | 25 | 36 | 8 | 36 | 22 |
| Миёна (%) | 88 | 84 | 60 | 75 | 48 | 29 | 52 | 32 |
| Баланд (%) | 0 | 0 | 0 | 0 | 16 | 63 | 12 | 46 |

**Расми 5. Диаграммаи ташхиси ташаккулёбии ҷузъҳои омодагии омӯзгорониояндаи информатика барои истифодаи ВИТ (дар гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ, дар тамоми марҳалаҳои озмоиш)**

Ҳамин тавр, таҳлили миқдорию сифатии маълумот динамикаи мусбати ташаккули омодагии омӯзгориояндаи информатика-

ро барои истифодаи ВИТ нишон дод, ки дар бораи самаранокии методика гувоҳӣ медиҳад.

Дар фасли **2.3 «Арзёбии самаранокии омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ»** натиҷаҳои марҳилаи озмоишии тадқиқот таҳлил гардидаанд. Натиҷаҳо самаранокии равишҳои инноватсионии омӯзишро дар такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯён, аз ҷумла истифодаи ВИТ, ташкили муҳити интерактивӣ ва таҳияи захираҳои рақамии таълимӣ тасдиқ менамоянд. Модели озмоишӣ бо иштироки гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ татбиқ гардида, таъсири мусбати барномаҳои махсуси тайёриро ба сатҳи омодагии омӯзгорони оянда нишон дод. Таҳлили натиҷаҳои ташхисӣ самаранокии технологияи пешниҳодшударо ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани сифати тайёрии педагогӣ муайян намудааст.

**Сатҳи баланд** – донишҷӯёни ба ин гурӯҳ мансуб аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба таълими интерактивӣ омодагии хуб доранд. Онҳо курсҳои марбут ба таълим, аз ҷумла "Назария ва методикаи таълими информатика"-ро мукаммал аз худ намуда, мафҳумҳои асосии таълими интерактивиро медонанд ва технологияҳои интерактивиро дар мисли бозиҳои кортӣ, презентатсияҳо, китобҳои электронӣ, лоиҳаҳо ва захираҳои таълимии рақамӣ мустақилона истифода мебаранд. Ин гурӯҳ бо ташаббус, эҷодкорӣ ва маҳорати баланди касбӣ ҷудо мешаванд.

**Сатҳи миёна** – донишҷӯёни ин гурӯҳ то андозае ба талаботи таълими интерактивӣ ҷавобгӯянд. Гарчанде принсипҳо ва воситаҳои таълимро дуруст истифода мебаранд, вале дар истифодаи методҳо ва таҳияи маводи интерактивӣ ба кӯмаки омӯзгор ниёз доранд. Маҳорати онҳо нопойдор буда, камбудиҳои илмӣ-методӣ дар кори онҳо дида мешавад. Бо корҳои ислоҳӣ метавон сатҳи касбии онҳоро баланд бардошт.

**Сатҳи паст** – ин донишҷӯён сатҳи пасти шуур ва омодагии касбӣ доранд, тарси истифодаи технология, набудани ташаббус ва эҷодкорӣ, ҳамчунин нодонии мафҳумҳои асосии таълими интерактивӣ хос аст. Онҳо ба машғулиятҳои иловагӣ, шиносоӣ бо таҷрибаи пешрафта ва дастгирии методӣ ниёз доранд.

Дар гурӯҳи назоратӣ омодасозӣ бо усули анъанавӣ сурат гирифт. Гурӯҳи озмоишӣ бошад, бо истифодаи муносибати низомманд ва ҳамсилавии таълим, ки мақсад, мазмун, метод ва принсипҳоро ҳамчун як низоми воҳид дар бар мегирад, тайёр карда шуданд.

| № Р/Т | Сатҳ | **Гурӯҳи назоратӣ (охир)** | **Гурӯҳи озмоишӣ (охир)** |
|---|---|---|---|
| 1 | Баланд | 0,9% | 1,7% |
| 2 | Миёна | 28% | 68% |
| 3 | Паст | 68% | 15% |

Аён аст, ки дар натиҷаи татбиқи муносибати илмӣ-методӣ, дар гурӯҳи озмоишӣ шумораи донишҷӯёни сатҳи баланд ва миёна афзуд ва сатҳи паст коҳиш ёфт.

Ҳамин тариқ, муносибати низомманду амсилавӣ дар омодасозии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ нисбат ба усулҳои анъанавӣ самарабахштар буда, имкони ташаккули салоҳияти баланди касбӣ-меҳнатиро дар муҳити рақамии муосир таъмин менамояд.

Дар **Хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст шуданд.

Дар марҳилаи кунунии ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамгироии технологияҳои нав – ҳам дар соҳаи дастгирии иттилоотӣ–компютерӣ ва ҳам дар самти методҳои инноватсионии педагогӣ – ба тағйироти назарраси низоми тайёркунии омӯзгорони оянда оварда расонидааст. Ин тағйирот дар афзоиши истифодаи методҳо ва воситаҳои интерактивии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар равшан ба назар мерасад [9-М].

Таълими интерактивӣ, пеш аз ҳама, таълими муколамавӣ аст, ки дар ҷараёни он робитаи мутақобилаи омӯзгор ва хонанда сурат мегирад. Моҳияти таълими интерактивӣ дар он аст, ки ҷараёни таълим тавре ба роҳ монда шудааст, ки қариб ҳамаи хонандагон дар раванди маърифатӣ ҷалб карда шуда, онҳо имконият пайдо мекунанд, ки он чиро, ки медонанд ва фикр мекунанд, дарк ва дар бораи он андеша намоянд [4-М].

Истифодаи самараноки воситаҳо ва методҳои интерактивии таълимӣ ба яке аз пояҳои асосии такмили омодасозии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии муосир табдил ёфтааст. Айни замон, муҳимтарин дастовардҳои таълимӣ ва методӣ бо ҳамгироии воситаҳои интерактивии таълимӣ (ВИТ) зич алоқамандонд. Ин воситаҳо на танҳо равандҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд, балки барои рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд [9-М, 3-М, 4-М].

Ҷорӣ кардани воситаҳои интерактивии таълим яке аз самтҳои муҳимтарини такмили омодагии касбии омӯзгори оянда мебошад. Инноватсияҳои асосии методӣ имрӯз бо истифодаи маҳз воситаву методҳои интерактивии таълим алоқамандонд. Ҷустуҷӯи воситаҳои инноватсионии таълим, ки баланд бардоштани сифату самаранокии таълими информатикаро дар мактаб имкон медиҳанд, ба дарки иқтидори назарраси воситаҳои интерактивии таълим (ВИТ) ҳамчун воситаи касбии омӯзгори информатика барои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон водор менамояд. Зимнан вуҷуд надоштани низоми ташаккули мақсадноки чунин омодагӣ дар доираи омодагии касбии омӯзгори информатика дар донишгоҳи педагогӣ ва коркарди нокифояи методикаи мувофиқи ташаккул додани он ошкор гардида, мубрамии мавзуи таҳқиқотро таъйин кард [13-М].

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти мазкур бо рушди нокифояи низоми технологӣ асоснокшуда ва равиши методӣ вобаста аст, ки ба ташаккули омодагии зарурӣ дар омодагии касбии омӯзгорониояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ нигаронида шудааст. Интихоби методикаи мувофиқ барои рушди чунин омодагӣ ба зарурати ҳалли чаҳор вазифаи калидӣ асос ёфт:

1. Зарурати равшантар муайян кардани мафҳуми «воситаи интерактивии таълим» дақиқтар муайян карда шавад, ба хусус ба потенсиали он барои ташвиқи иштироки фаъолонаи донишҷӯён ҳам дар сатҳи педагогӣ ва ҳам когнитивӣ диққати махсус дода шавад. Барои расидан ба ин ҳадаф таҳлили амиқи нуқтаи назарҳои гуногун оид ба интерактивият ва арзиши таълимии воситаҳои интерактивӣ бо дарназардошти равишҳои назариявии мухталиф зарур буд. Чунин таваҷҷуҳ ба равшании консептуалӣ ва

қатъияти таҳлилӣ асоси боэътимодро барои рушди саводнокии касбии омӯзгорони ояндаи информатика дар истифодаи самараноки воситаҳои интерактивии таълимӣ фароҳам меорад [2-М].

Ҳамин тавр, ки ба сифати воситаҳои интерактивии таълим маҷмӯи воситаҳои техникӣ (компютер, таҷҳизоти атрофи он, таҷҳизоти интерактивӣ ва таъминоти барномавии махсус барои онҳо) ва дидактикиро (захираҳои электронии таълимӣ ва захираҳои шабакаи Интернет) бояд фаҳмид, ки фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро тавассути таъсироти мутақобили иштирокдорони раванди таҳсил дар рафти муколамаи интерактивӣ имкон медиҳанд, ки дар захираи электронии таълимӣ аз ҳисоби чунин амалҳо сурат мегирад: истифодаи навъҳои гуногуни робитаи акс; имконияти интихоби мустақилонаи маҳруки омӯзиши порчаҳои иттилооти таълимӣ, вақт ва суръати кор, ҳаҷм ва сатҳи мураккабии иттилооти таълимӣ аз ҷониби хонандагон; таҳияи мустақилонаи маҳсули эҷодии таълимӣ дар раванди дигаргунсозии иттилооти таълимӣ.

2. Вазифаи эҷоди модели омода кардани омӯзгорони ояндаи информатика барои истифодаи самараноки воситаҳои интерактивии таълим таҳияи технологияи таълимӣ дар асоси консепсияҳои муосири педагогӣ, аз қабили равишҳои салоҳиятнокӣ ва фаъолиятӣ буд. Технологияи мазкур истифодаи воситаҳои интерактивии таълим, инчунин таҳияи ҷузъҳои сохторӣ ва зина ба зина, ки пайвастагӣ ва самаранокии баланди раванди таълимро таъмин мекард, пешбинӣ мекард.

Омодагии мазкур ҳамчун яке аз мақсадҳои афзалиятноки омодагии омӯзгори ояндаи информатика дар донишгоҳи педагогӣ баррасӣ гардида, низоми инкишофёбандаи донишҳо, маҳорат, сифатҳо, ангезаҳо ва таҷрибаи педагог аст, ки истифодаи мақсадноки ВИТ-ро дар таълими информатика таъмин менамояд.

Асоснок карда шуд, ки сохтори чунин навъи омодагӣ аз ҷузҳои амалиётӣ, воситавӣ-фаъолиятӣ ва рефлексивӣ-эҷодӣ иборат аст.

3. Вазифаи муайян кардани ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷавӣ ва протсессуалии омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои

истифодаи воситаҳои интерактивии таълим бо баррасии дидгоҳҳои асосӣ нисбат ба муайянкунии ин ҷузъҳо вобаста буд.

Ҷузъи равандӣ ташкил ва гузаронидани раванди таълимиро дар назар дорад, ки ба рушди пайдарпайи омодагӣ ба истифодаи ИСО мусоидат мекунад. Дар асоси ин ҷузъ усулҳои таълими фаъол, аз ҷумла симулятсияҳо, бозиҳои нақшофарӣ, моделсозӣ, корҳои лоиҳавӣ ва дигар шаклҳои ҳамкории интерактивӣ истифода мешаванд, ки донишҷӯёнро ба таври фаъол ба раванди таълимӣ ҷалб намуда, ба онҳо имкон медиҳанд шаклҳои нави корро аз худ намоянд ва онҳоро дар амал татбиқ кунанд. Ба омодагии марҳилавии донишҷӯён тавассути ҷалби онҳо ба низоми супоришҳои амалӣ, ки ба таҳкими донишҳои назариявӣ ва рушди малакаҳои зарурии касбӣ равона шудаанд, диққати махсус дода мешавад.

Низоми ташхиси сатҳи ташаккулёбии омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи ВИТ дар асоси муайянкунии меъёрҳои баҳодиҳии портфолиои омӯзгор коркард шуд, ки донишҷӯён таҳия намуда, дар рафти омӯзиши курсҳои информатикаи силсилаҳои фаннӣ ва касбӣ дар донишгоҳи педагогӣ пешниҳод карданд. Он ҳам нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ҳам сифатиро фаро гирифт.

4. Вазифаи санҷиши технологияи коркардшудаи омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ва асоснок намудани самаранокии он бо ташкили кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» алоқаманд буд.

Мақсади ҳар яке аз марҳалаҳои озмоиши педагогӣ - муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва баҳодиҳанда бо пойгоҳи таҷрибавӣ ва иштирокдорон муқаррар гардид.

Бо роҳи коркарди омории натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар асоси истифодаи меъёри Фридман $X^2$ асоснок карда шуд, ки натиҷаҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишии донишҷӯён аз ҳам фарқ мекунанд, бо вуҷуди он, ки дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ омодагии омӯзгорони ояндаи информатика дар доираи айни як ҳамон фанҳои стандарти давлатии таҳсилот амалӣ гардид. Зимнан нишондиҳандаҳои миқдорӣ самаранокии

корбурди технологияи омодагии омӯзгори ояндаи информатика-ро барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим дар гурӯҳи озмоишӣ тасдиқ намуд, ки донишҷӯёни он нисбат ба донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ натиҷаҳои баландтарро соҳиб шуданд.

Пешрафти гурӯҳи озмоишӣ-омӯзгорони ояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим аз мавқеи таҳлили сифатӣ / миқдорӣ самаранокии технологияи коркарда ва аз санҷиш гузаронидаи моро тасдиқ менамояд.

***Тавсияҳои илмӣ-амалӣ дар асоси хулосаҳои баёншуда***:

- хусусиятҳои асосии хатмкунандаи мактаби олӣ салоҳиятнокӣ ва кордонӣ мебошанд, ки муносибати махсусро ба стратегия ва тактикаи таълими донишгоҳӣ тақозо менамояд. Муваффақияти фаъолияти таълимӣ на танҳо ба чизҳои азхудшаванда, балки ба он чӣ гуна азхуд шудани онҳо вобаста мебошад: бо тарзи инфиродӣ / коллективӣ, дар шароити авторитарӣ / инсонпарварона, бо такя ба диққат, хотир, идрок ё бо такя ба иқтидори шахсиятии инсон, бо ёрии методҳои репродуктивӣ / фаъоли таълим;
- дар мактаби олии муосир фаъолияти омӯзгор бояд ба коркарду истифодаи чунин шаклҳо, мундариҷа, тарзу воситаҳои таълими интерактивӣ равона гардад, ки ба баландшавии шавқу рағбат, мустақилият, фаъолнокии донишҷӯён дар азхудкунии донишҳо, ташаккули маҳорату малакаҳо, татбиқи амалии онҳо, ҳамчунин ба ташаккули қобилияти тафаккури мустақилона, эҷодӣ, касбӣ мусоидат мекунанд;
- технологияи истифодаи воситаҳои таълими интерактивӣ бояд методҳоеро дарбар гирад, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро таҳрик дода, ҳар як иштирокчиро ба фаъолияти фикрӣ ва рафторӣ ҷалб менамояд;
- раванди таълим, ки ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим такя менамояд, бо назардошти пайвастшавии тамоми донишҷӯёни гурӯҳ ба раванди маърифат ташкил мешавад. Фаъолияти якҷоя чунин маъно дорад, ки ҳар як нафар саҳми инфиродии худро мегузорад, дар рафти кор мубодилаи донишҳо, ғояҳо, воситаҳои фаъолият сурат мегирад. Кори инфиродӣ, дукаса ё гурӯҳӣ ташкил мешавад, кори лоиҳавӣ, бозиҳои нақшдор исти-

фода шуда, кор бо ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои гуногуни иттилоот амалӣ мегардад;

- воситаҳои интерактивии таълим ба принсипҳои таъсироти мутақобил, фаъолнокии хонандагон, такя ба таҷрибаи гурӯҳ, робитаи ҳатмии акс асос ёфтаанд. Муҳити муоширати таълимӣ фароҳам оварда мешавад, ки ба он кушодагӣ, таъсироти мутақобили иштирокдорон, баробарии далелҳои онҳо, ҷамъоварии донишҳои муштарак, имконияти баҳодиҳӣ ва назорати ҳамдигар хос мебошанд;

-воситаву методҳои интерактивии таълим мақсадҳои мушаххас ва пешгӯишавандаро дар назар доранд. Яке аз ин гуна мақсадҳо аз фароҳам овардани шароити мусоиди таълим иборат аст, ки зимни онҳо омӯзгори оянда муваффақ будан, мустақилияти зеҳнии худро эҳсос мекунад, ки худи раванди таълимро сермаҳсул мегардонад;

- истифодаи иқтидори воситаҳои интерактивӣ ва методҳои таълим боиси дигаргун шудани омодагии омӯзгор дар донишгоҳи педагогӣ мешавад, ки имрӯз бояд ба фаъолияти касбӣ бо истифодаи воситаҳои инноватсионии таълим омода бошад, ки имкон медиҳанд, то ба ҷойи интиқоли одии ба ҳукми анъана даромадаи донишҳо тариқи воситаҳои алоҳидаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон дар асоси воситаҳои интерактивии таълим бомуваффақият идора карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои илмӣ-амалии дар боло ишора шуда, хусусиятҳои асосии хатмкунандагони мактабҳои олӣ бояд салоҳиятнокӣ, касбият ва омодагӣ ба фаъолияти мустақилона бошад. Ин талаб мекунад, ки стратегияи таълимӣ ва равишҳои тактикии раванди таълим дар донишгоҳҳо аз нав дида шаванд. Муваффақияти фаъолияти таълимӣ на танҳо аз ҳаҷми иттилооти азхудшуда, балки аз усулҳои азхудкунии он низ вобаста аст. Ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълимӣ, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва малакаҳои касбӣ мусоидат мекунанд, диққати махсус додан лозим аст. Ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти ҳамкории маърифатӣ ба мубодилаи дониш, идеяҳо ва таҷриба мусоидат мекунад,

ки ин таъсири таълимиро зиёд менамояд. Ҷанбаи муҳими раванди таълим ин фароҳам овардани шароит барои мустақилияти донишҷӯён мебошад, ки мотивация ва таваҷҷуҳи онҳоро ба фанн зиёд мекунад. Усулҳои интерактивии таълим бояд ба оптимизатсияи муҳити таълимӣ, фароҳам овардани шароит барои ҳамкории фаъол ва истифодаи муваффақи донишҳо дар амалия равона шаванд, ки ин ба тайёрии босифати омӯзгорони оянда мусоидат мекунад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### *1. Мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

[1-М]. **Бобоҷонова Н.Қ.** Истифодаи методҳои интерактивии таълим дар системаи таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Н.Қ. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. – №6 (қисми 1). – С. 289-295. (ISSN 2074-1847).

[2-М]. **Бобоҷонова Н.Қ.** Усулҳои интерактивии таълим – сарчашмаи асосии раванди маърифатӣ [Матн] / Н.Қ. Бобоҷонова // Маҷаллаи илмии «Номаи донишгоҳ». Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. 2024. – №2(79). – С. 123-128. (ISSN 2077-4990).

[3-М]. **Бобоҷонова Н.Қ.** Хусусиятҳои ташкили таълими интерактивӣ дар раванди таълими муосир [Матн] / Н.Қ. Бобоҷонова // Маҷаллаи илмии «Номаи донишгоҳ». Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2022. – №3(72). – С. 154-159. (ISSN 2077-4990).

[4-М]. **Бободжанова Н.К.** Интерактивные средства обучения как фактор активизации познавательной деятельности учащейся молодежи [Текст] / Н.К. Бободжанова // Вестник Института развития образования. – 2021. – №4(36). – С. 116-121. (ISSN 2617-5320).

[5-М]. **Абдулла-заде, М.Х., Бобоҷонова, Н.Қ., Шукуров, А.А.** Тавсифи намудҳои системаҳои инноватсионии дидактикӣ [Матн] / М.Х. Абдулла-заде, Н.Қ. Бобоҷонова, А.А. Шукуров //

Паёми донишгоҳи Хоруғ. 2020. – №4(17). Бахши 2. – С. 107-113. (ISSN 2664-5696).

***2. Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои дигар ба чоп расидаанд:***

[6-М]. **Бобоҷонова, Н.Қ.** Усулҳои интерактивии таълим ва аҳаммияти онҳо дар даврони муосир [Матн] / Н.Қ. Бобоҷонова // Сборник статей по материалам CLXI международной научно-практической конференции. Интернаука (internauka.org). Инновационные подходы в современной науке. – Москва, 2024. – №5(161). – С. 91-96. (ISSN 2587-8603).

[7-М]. **Бободжонова, Н.К.** Теоретический аспект понятия «интерактивные средства обучения» для определения сущности и характерных особенностей [Текст] / Н.К. Бободжонова // Сборник научных трудов. По материалам международной научно-практической конференции г. Белгород: Новые горизонты науки: стратегии и направления развития (14 февраля 2024 г.). 2024. – С. 64-67. (ISBN 978-1-2278-6758-4).

[8-М]. **Бабаджанова, Н.К., Усмонов, Х.Х.** Интерактивные средства обучения как фактор совершенствования образовательного процесса [Текст] / Н.К. Бабаджанова, Х.Х. Усмонов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Технологияҳои иттилоотӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди рақамӣ» бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», 90-солагии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Хуҷанд, 28 декабри соли 2022). 2022. – С. 68-71.

[9-М]. **Файзиев, З.И., Бабаджанова, Н.К., Юнусов, Т.Ё.** Методика обучения физики как педагогическая наука, её содержание и задачи [Текст] / З.И. Файзиев, Н.К. Бабаджанова, Т.Ё. Юнусов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Технологияҳои иттилоотӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди рақамӣ» бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», 90-солагии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии

Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Хуҷанд, 28 декабри соли 2022).  2022. – С. 71-75.

[10-М]. **Бобоҷонова, Н.Қ., Алиева, Г.Х., Алимухамедова, Н.Т.** Технологияи таълими интерактивӣ ва нақши он дар самаранокии раванди таҳсилот [Матн] / Н.Қ. Бобоҷонова, Г.Х. Алиева, Н.Т. Алимухамедова // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар рушди саноати кишвар» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табитшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (Бӯстон, 26 феврали соли 2022). – С. 202-207.

[11-М]. **Бобоҷонова, Н. Қ., Саторов, А.Х.** Таҳсилоти фосилавӣ дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ [Матн] / Н.Қ. Бобоҷонова, А.Х. Саторов // Маводи онлайн-конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами фанҳои иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва дақиқ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва фарогирии Covid-19» (Панҷакент, 25 декабри соли 2020). 2020. – С. 299-302.

[12-М]. **Бобоҷонова, Н.Қ., Холматов, Р.** Истифодаи усулҳо ва технологияҳои интерактивӣ дар таълими фосилавӣ [Матн] / Н.Қ. Бобоҷонова, Р. Холматов // Маводи онлайн видео-конференсияи илмию амалии байналхалқӣ дар мавзуи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устворӣ минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар». Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ (ш. Кӯлоб, 13 ноябри соли 2020). – С. 101-104.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ «ХУДЖАНДСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ АКАДЕМИКА Б. ГАФУРОВА»**

УДК-371(575.3)
ББК -74.03
К -93

***На правах рукописи***

**КУРБОНЗОДА НИГИНА КУРБОН**

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ ПЕДАГОГОВ К ИНТЕРАКТИВНОМУ ОБУЧЕНИЮ В КОНТЕКСТЕ ТРЕБОВАНИЯ СОВРЕМЕННОЙ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ НАУКИ

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т**

диссертации на соискание ученой степени
кандидата педагогических наук **по специальности 13.00.08 – Теория и методика профессионального образования (13.00.08.05- Теория и методика общественных наук)**

**ХУДЖАНД - 2025**

Диссертация выполнена на кафедре социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова»

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Шаропов Шавкат Ахмадович** – доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова». |
| **Официальные оппоненты:** | **Файзализода Бахрулло** - доктор педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой цифровых технологий и кибербезопасности Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. |
| | **Туев Шохин Шоевич** – кандидат педагогических наук, доцент заведующий кафедры высшей математики и информатики Таджикский горно-металлургический институт |
| **Ведущая организация:** | **ГОУ «Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни»** |

Защита диссертации состоится «11» октября 2025 г. в 13:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-078 при ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова» по адресу: 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1.

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на официальном сайте ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова» www.hgu.tj.

Автореферат разослан «____» _____________ 2025 г.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кондидат психологических наук, доцент Зайтметов Х.А.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность исследования темы.** Перемены, коснувшиеся состояния продвинутости инструментариев компьютерного назначения и сетевых телекоммуникаций инициировали информационно-образовательную среду в ее новом, в качественном плане, конфигурации траектории роста и совершенствования образовательной системы.

На встрече с представителями интеллигенции страны Основатель мира и национального согласия, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон, акцентируя внимание на вопросах образования, в частности, подчеркнул: «Система образования является одной из важнейших систем современности. До тех пор, пока мы не инициируем конкретные реформы в образовательной структуре, не сможем достичь необходимого уровня развития культуры и образования». Продолжая эту мысль, он также отметил, что «основной стрежень культуры и образования составляют знания. Лишь сведущий человек способен активно участвовать в преобразованиях своей страны, создавать новые материальные и духовные богатства, и только он сможет определить свой жизненный путь и реализовать его в обществе».

Сегодня перспективами общества наряду с высокоуровневыми специалистами, чья образованность и культура адекватны современности, диктуются востребования к личностям с достаточным спектром свойств - ответственная и инициативная диспозиция с умением обозначать и защищать ее, выбирая траекторию решения проблем, задействовав навыки толерантно-сообразного общения. К переосмыслению наполнения образования, изысканию сообразных форм, методов и приемов, иными словами, к решению новых задач - побуждает также форсированность продвижения технологий.

Изменения в системе подготовки будущих учителей простимулированы реформо - ориентированной модификацией образовательной системы в Таджикистане, более всего, сопряженной с вводом, во-первых, технологий нового поколения, касаемо и обеспеченности информационно-компьютерным инструментари-

ем, и инновационно-ориентированных педагогических технологий, во-вторых, новоразработанных учебных дисциплин. Все это наращивает вовлечение в учебный процесс приемов и методов интерактивного свойства.

Применительно к рационализации подготовки будущих учителей в вузах, современностью давно диктуется подключение средств и методов обучения интерактивного характера. Ведущие инновации учебно-методического характера в наши дни касаются именно интерактивных методов и приемов обучения.

Анализ нынешнего состояния теоретической разработки проблемы применения интерактивных средств и методов обучения и практика их использования учителями убеждает в том, что, несмотря на изменения, происходящие за последние годы в содержании, организации и методике использования компьютерных технологий в обучении, учителя применяют их преимущественно недостаточно.

Важным фактором, определяющим актуальность выбранной для рассмотрения проблематики, является неотложность научного анализа тенденций современного образования, связанных с применением интерактивных средств обучения. Тщательный анализ осмысления современных тенденций в этом русле обуславливает необходимость ретроспективного подхода. Переход образовательной системы республики на новую ступень совершенствования процесса обучения требует поиск новых моделей педагогической деятельности, обеспечивающих качественно новый уровень воспитания и обучения молодого поколения в условиях информационно-коммуникативных технологий.

**Степень проработанности темы исследования**. Ряду ученых, удалось прийти к теоретическим задаткам, дающим вектор для решений вопросов, затрагивающих подготовки учителей информатики к реализации интерактивных обучающих средств. Так, Я.А. Ваграменко[1], В.В. Гриншкуном[2], О.Ю. Заславской[3], А.А. Кузнецовым[4], М.П. Лапчиком[5], Е.С. Полатом[6], И.В. Робертом[7], Ф.Ф. Шариповым[8], А.Р. Мирзоевым[9], К.Тухлиевым[10] и другими проведены комплексные разработки, касаемо теории и методики информатизирования образования. Ю.Ю. Гавронской[11],

М.С. Помеловой[12], Г.К. Селевко[13], О.Г. Смоляниновой[14], С.Б. Ступиной[15] и другими учеными выполнены работы с направленностью на раскрытие нюансов обоюдных отношений в педагогической плоскости. Р.М. Абдулову[16], Л.Н. Бобровской[17], В.В. Гузееву[18], В.В. Довганю[19], Т.И. Долгой[20], А.А. Журину[21], В.М. Монахову[22], А.В. Осину[23], Т.К. Смыковской[24], Н.Г. Суворовой[25] и другими осуществлены исследования вопросов использования ресурсов образовательно-электронного свойства, технических средств интерактивности.

В условиях Республики Таджикистан выполнены исследования Ф.Ф. Шариповым[8], А.Р.Мирзоевым[9], К.Тухлиевым[10] и другими учеными в области теории и методики информатизации образования. Ф.Ф.Шарипов[8], указывая на необходимость разработки новых направлений деятельности в целях создания оптимальных условий для перехода на современные информационные технологии, вносит рекомендации по совершенствованию базовой подготовки студентов вузов по современным информационным технологиям, по переподготовке преподавателей в сфере современных информационных технологий и информатизации процесса обучения и воспитания.

К таким источникам относятся работы и других авторов, в частности, исследования А.Р.Мирзоева[9], специализирующиеся на разработке дидактического инструментария привлечения технологий информационного свойства и осмыслении современных тенденций использования информационно-коммуникационных технологий в образовательном процессе.

В русле практического наполнения указанной задачи инициированы такие шаги: претворение в жизнь программ, нацеливаемых на информатизирование образовательной системы, к примеру «Национальной стратегии развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года», где очерчены шаги по обеспечению образовательных учреждений техникой – компьютерами и другим инструментарием интерактивности, а также их программным сопровождением. Помимо этого, государственными стандартами, являющимися нововведенными, поощряется акцентуация на деятельностный подход, когда идет формирование

универсально-сообразных учебных актов при движении к результатам, поднимающихся над уровнем ординарной обученности.

Однако есть еще малоизученные стороны в проблематике подготовки тех, кто станет учителем информатики, к применению интерактивных обучающих средств или ИСО: перспективность применения интерактивных обучающих средств для продвижения учащихся в процессе обучения информатике в учебно-познавательном ключе; конструкт данной подготовки с поэтапным начертанием придания формата такой подготовки у тех, кто обучается в педвузе; составляющие в методике, предназначенной для придания формы данной готовности. Эти стороны должны стать объектом научных разработок.

Итак, имеют место такие **противоречия**:

- с одной стороны учитель, готовый к задействованию интерактивных обучающих средств востребован нынешней образовательной системой, но с другой стороны противоречит этому ненадлежащий уровень готовности учителей к задействованию таких обучающих средств в деятельности практического свойства;

– с одной стороны, существуют требования к подготовленности тех, кто станет учителем информатики, по эффективному использованию интерактивных обучающих средств и недостаточной проработкой учебно-методического комплекса относительно ее применения в вузовском образовательном процессе.

Таким образом, проблема данного исследования состоит в научном обосновании подготовки будущего учителя информатики к задействованию интерактивных обучающих средств.

**Связь работы с научными программами (проектами), темами**. Тема исследования выбрана с учетом ее тесной связи с научно-исследовательской тематикой кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова» на тему «Педагогические основы развития мыслительной деятельности младших школьников» и основных положений Национальной стратегии развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года.

# ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА РАБОТЫ

**Цель исследования** состоит в разработке и обосновании педагогических основ подготовки будущих педагогов к интерактивному обучению в контексте требования современной педагогической науки.

**Объект исследования** – учебно-образовательная деятельность высших учебных заведений.

**Предмет исследования** – процесс и условия подготовки будущего учителя информатики к применению интерактивных средств обучения.

**Гипотеза исследования**: подготавливая будущих учителей информатики к задействованию обучающих интерактивных средств в контексте требования современной педагогической науки можно прийти к высокой эффективности, если:

- гарантирование усвоения интерактивных обучающих средств с учетом их востребованности на нынешнем этапе, что дает возможность запуска активизации деятельности учащихся в учебно-познавательной плоскости вследствие обоюдного действия участников хода учения при опоре на диалогичную интерактивность с задействованием ЭОР;

- понимание процедуры сформирования исследуемой подготовленности как отчетливой линии в течении подготовки студентов - будущих учителей информатики в педвузе, где упор делается на ориентирующую структурность и уровневые характеристики ожидаемой готовности, с принятием во внимание ступеней, первая из которых мотивационный (подразумевает постижение позиции и потенциальности ИСО в преподавании информатики), следующая - технологический (изыскать технологию разработки и задействования ИСО) и наконец, последняя - организационно-методическая (восприятие опыта задействования ИСО в ходе учения не без учета педагогически оправданного эффекта);

- опорную составляющую для проработки методики, ориентированной на сформирование исследуемой готовности предоставляют:

- обеспечение модификации компонента содержательности информатики, как и других дисциплин обоих циклов: предметно-

го и профессионального, при вовлечении шлифующих единиц дидактического свойства;

- привнести в русло подготовки интегрированные учительские портфолио (ИУП), которые ведутся студентами, воспринимая их как оптимизированный комплекс инструментариев для наполненности практическим содержанием сообразно динамике ожидаемого эффекта обученности информатике с опорой на задействование ИСО.

Целью исследования продиктованы подлежащие решению **задачи исследования**:

1. Провести анализ теоретических основ интерактивного обучения в педагогике.

